# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Душанбе, 2025)**

Рисолаи илмии мазкур, ки ба масъалаи таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар заминаи Вандидод бахшида шудааст, яке аз таҳқиқоти инноватсионӣ ва гаронбаҳои соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ ба шумор меравад. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таърихии бостонӣ, аз ҷумла Авесто ва бахусус Вандидод кӯшиш намудааст, ки решаҳои амиқи ҳуқуқшиносии тоҷиконро дар масири таърих баррасӣ намояд.

Дар рисола нахустин маротиба Вандидод на танҳо ҳамчун асари динӣ, балки ҳамчун манбаи муҳимми ҳуқуқии даврони бостон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф тавонистааст нишон диҳад, ки таълимоти зардуштӣ дорои низоми ҳуқуқие мебошад, ки сохтори ҷиддии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷинояту ҷавобгарӣ, оиладорӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҳатто ҳифзи ҳуқуқи ҳайвонотро дар бар мегирифтааст.

Рисола бо пайравӣ аз усулҳои илмии муосир, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳия шуда, навгониҳои илмии муҳимро дар бар мегирад. Аз ҷумла, мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод бори аввал ба таври илмию муфассал таҳқиқ шудааст. Дар рисола нишон дода шудааст, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар баробари дигар низомҳои маъруфи ҳуқуқӣ, ба монанди исломӣ, англо-саксонӣ ва романӣ-олмонӣ дорои арзиш ва таҷрибаи пешрафтаи ҳуқуқист.

Муаллиф бо таҳлили муқоисавии муқаррароти Вандидод ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст монандӣ ва тафовути байни ин ду низомро ба таври равшан инъикос намояд. Аз ҷумла институти «хариди гуноҳ» ва ҷазоҳои ғайриҷисмонӣ ҳамчун падидаҳои ҳуқуқии инсонмеҳвар, ки дар Вандидод таҷассум

ёфтаанд, метавонанд ҳамчун намунаҳои ибратбахши ҳуқуқӣ дар низоми муосир мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор гиранд.

Аҳаммияти ин таҳқиқот на танҳо дар навгониҳои илмӣ, балки дар саҳми он ҷиҳати боло бурдани худшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангии миллати тоҷик ифода меёбад. Муаллиф бо истифода аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зарурати омӯзиш ва муаррифии решаҳои таърихии давлатдории тоҷиконро асоснок намуда, таъсири ин мероси арзишмандро ба рушди ҳуқуқи муосир нишон медиҳад.

Мутобиқи ақидаи муаллиф, низоми ҳуқуқии зардуштӣ бо вуҷуди қадимӣ буданаш, дорои меъёрҳо ва арзишҳое мебошад, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд ва метавонанд ба сифати заминаи назариявию таърихии қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намоянд. Ба гуфтаи муаллиф, ҳарчанд ҳуқуқи зардуштӣ ба шакли куҳна ва дар қолаби таълимоти динии қадимии зардуштӣ зоҳир мегардид, вале дар асл, бисёре аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар бар гирифта, дар муқаррар кардани низом ва суботи ҷамъиятӣ нақши муассир дошт.

Муаллиф таъкид менамояд, ки баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар Вандидод зикр ёфтаанд, имрӯз низ метавонанд дар ҳуқуқи муосир мавриди омӯзиш ва эҳтимолан татбиқ қарор гиранд. Аз ҷумла:

1. Принсипи баробарии ҳуқуқии марду зан, ки дар Вандидод зикр ёфтааст, бо Принсипҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дорад.

2. Муносибати эҳтиромомез ба муҳити зист ва табиат, ки яке аз сутунҳои асосии таълимоти зардуштӣ ва махсусан Вандидод мебошад, имрӯз низ дар Конститутсия ва қонунҳои самти экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи марказӣ дорад.

3. Шаклҳои ҷазо дар Вандидод, ки хислати тарбиявию бозсозӣ (реабилитатсионӣ) доранд, дар низоми ҷазодиҳии муосир низ инъикос ёфтаанд, ки ҷазо бояд инсонро ислоҳ кунад, на танҳо ҷазо диҳад.

Муаллиф изҳор медорад, ки қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари муосирсозии меъёрҳо, бояд аз арзишҳои ҳуқуқии миллӣ, хусусан мероси ҳуқуқии зардуштӣ бештар истифода кунад. Зеро ин мерос таърихӣ буда, дорои руҳияи баланди инсондӯстӣ ва адолат мебошад, ки имрӯз ҳам бо принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва талаботи Конститутсияи Тоҷикистон ҳамоҳанг аст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи автореферат қайд намудааст, ки «Стандартҳои экологӣ дар тамоми бахшҳои Авесто вомехӯранд, вале механизмҳои ҳифзи муҳити зист бештар дар Вандидод оварда шудаанд» (саҳ. 23). Аммо, равшан нест, ки муаллиф аз кадом стандартҳо ва механизмҳои экологӣ сухан кардан мехоҳад. Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои рисолаи илмӣ оид ба ин масъала равшанӣ андозад.

Норасоии ҷойдошта ба мазмуни автореферат таъсири ҷиддӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба талаботи банди 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат як таҳқиқоти ҳамаҷониба ва фарогири таърихию назариявӣ буда, бо истифода аз усулҳои илмии муосир масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқро рӯшан месозад. Кор на танҳо арзиши илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад ва метавонад ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда ва ислоҳоти қонунгузорӣ хидмат кунад.

Бо дарназардошти таҳлили муфассали масъала, навгонии илмӣ, тарзи муаррифии маводи таърихӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ, метавон ба рисола ва автореферати мазкур баҳои баланд дод ва онро сазовори тасдиқи илмӣ донист. Бо дарназардошти ин, муаллифи рисола Азимзода Фирдавс Акбаралӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.


**Тақриздиҳанда:**

Дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва
идораи давлатии Донишгоҳи давлатии
Данғара номзади илмҳой ҳуқуқшиносӣ Қодирзода С.М.

**Суроғаи муқарриз:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25.
**Тел:** 8-33-12-2-28-06
**Факс:** 73-53-20
**Email:** E- mail:dddangara_20013@ ru


**Имзои Қодирзода С.М.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

« 14 » 11 2025 с.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО